# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.**

Ислоҳоти низоми таҳсилоти миллӣ яке аз муҳимтарин қадамҳо дар татбиқи амалии сиёсати давлату ҳукумат маҳсуб меёбад. Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи илм ва маориф, фарҳанг ва иқтисод натиҷаҳои назаррас ба даст меоянд. Дар ин раванд рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтар барои наврасону ҷавонон самти афзалиятнок дониста шуда, ҷиҳати рушди он тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар тули солҳои соҳибистиқлолӣ бо мақсади ислоҳот ва рушди соҳаи маориф даҳҳо стратегия ва барномаҳои давлатӣ қабул карда шуданд, ки ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқӣ, бунёду азнавсозӣ ва таҳкими моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ мусоидат намуданд. Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдомот дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад. Ташаккули шахсияти донишманд, дорои қобилияти баланди зеҳнӣ ва малакаю маҳорати зарурӣ маҳз аз кӯдакистону мактаб ибтидо мегирад ва дар раванди дарсҳои иловагӣ тақвият меёбад.

Дар шароити муосири таълиму тарбия дар баробари дарсҳои асосӣ дарсҳои иловагӣ ҳам аҳамияти хеле муҳим доранд, зеро дарсҳои иловагӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки мавзуъҳои таълимиро, ки дар дарсҳои асосӣ гузаштанд, боз ҳам пурратару мукаммалтар гардонанд. Яке аз роҳҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти хонандагон, ҷалби онҳо ба илмомӯзии мустақилона, ихтироъкорию эҷодкорӣ, ҳавасманд намудани онҳо барои иштирок дар даврҳои гуногуни олимпиадаҳои фаннӣ ба шумор меравад.

Вобаста ба фикрҳои фавқузикр, ҷиҳати баргузории таҳқиқот унвонҷӯ Нематуллоев Муродбек Музафарович мавзуи “Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат”–ро интихоб намудааст.

Ҳадафи таҳқиқот муайян намудани усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат ба ҳисоб меравад. Дарёфти кӯдакони лаёқатманд ҷараёни тӯлониест, ки бо таҳлили рушди кӯдак алоқамандӣ дорад. Ин амал бо тарзи санҷиши яквақта ғайриимкон аст ва мушоҳидаю шиносоии дарозро талаб менамояд. Аз ин рӯ, зарурат пеш меояд, ки дарёфти кӯдакони болаёқат дар ҷараёни таълим тибқи барномаҳои махсус дар низоми таълими иловагӣ ё бо талаботи таълими инфиродӣ дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда шавад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Нематуллоев Муродбек Музафарович бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш масъалаи усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқатро дар муассисаи таълимӣ баррасӣ намуда, хусусиятҳои таъсири онҳоро ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷимоишавии хонандагон дар шароити муосир ошкор намудаст.

Дар идома диссертант таъкид менамояд, ки баррасии таълимоти мутафаккирони гузаштаи тоҷик ва таҷрибаи ватанию хориҷӣ дар самти рушди қобилиятҳои зеҳнӣ нишон дод, ки дар вазъи муосири ҷаҳон дарёфт, дастгирӣ ва иҷтимоишавии кӯдакони болаёқат ҳамчун фонди генетикии кишвар аз вазифаҳои афзалиятноки давлат ва ҷомеа боқӣ мемонад.

Аз таҳлили адабиёти илмию методӣ бармеояд, ки пажӯҳиши масъалаи рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ аҳамияти илмию амалиро касб мекунад, то дар истифодаи усулҳои муосири рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ назоратро ба роҳ монда, баҳри самаранок истифода намудани он аз ҷониби хонандагон тамоми чораҳо андешида шаванд. Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводи нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дар бар мегиранд. Нақш ва мавқеи истифодаи усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат бо гузаронидани корҳои санҷишӣ-озмоишӣ тасдиқ карда шудааст.

Унвонҷӯ муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии

таҳқиқоти илмии психологӣ–педагогӣ, таҳлили осори фалсафию таърихӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъ ва рушди қобилияти зеҳнии хонандагон, назарияи фаъолияти педагогӣ дар раванди навоварӣ дар таълим, таълимот оид ба моҳият ва вазифаҳои тарбияи хонандагон амиқ омӯхта, дар асоси таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа нуқтаи назари хешро иброз намояд.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

- таҳкими асосҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон дар дарсҳои асосӣ ва иловагии муассисаҳои таълимӣ;
- муайян намудани хусусиятҳои хоси ҳамгироии дарсҳои асосӣ ва дарсҳои иловагӣ дар асоси нақшаи таълимӣ;
- таҳкими самаранокии раванди таълими иловагӣ дар самти ташаккули қобилияти зеҳнии хонандагон;
- арзёбии модели банақшагирии дарсҳои иловагӣ ва фаъолияти маҳфилҳои фаннӣ дар Мауссисаи давлатии таълимии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”;
- таҳлил ва баррасии мавқеи дарсҳои иловагӣ дар дарёфт ва рушди истеъдоди хонандагон.

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори нахуст усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон тавассути дарсҳои иловагӣ муайян карда шуданд; самаранокии ташкили дарсҳои иловагӣ дар таъмини сифати таҳсилоти хонандагони болаёқат дар шароити гимназия ошкор карда шуд; мазмун ва мундариҷаи таҳсилоти иловагӣ дар гимназия бо роҳи ворид намудани компонентҳои нави таълимӣ ғанӣ гардонида шуд; ҳамгироии дарсҳои асосӣ ва дарсҳои иловагӣ дар гимназия аз лиҳози илмиву назариявӣ асоснок карда шуд; модели таълимии самараноки таъминкунандаи дастовардҳои таълимии хонандагон тавассути омӯзиши амиқи фанҳо дар дарсҳои иловагӣ таҳия гардид.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар коркарди асосноккунии принсипҳои асосии банақшагирии таълимии дарсҳои иловагӣ бо назардошти малакаю маҳорат ва хусусиятҳои фардии хонандагон, ташкили олимпиадаҳои фаннӣ, озмунҳои зеҳнӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ дар рушди истеъдод ва қобилияти хонандагон, истифодаи усулҳои асосноки методӣ ва принсипҳои фаъолияти модели ғанигардонии мазмунии рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон дар гимназия, такмили методикаи таълими хонандагони болаёқат дар

низоми таҳсилоти иловагӣ, низоми ташкили фаъолияти беруназсинфии хонандагони лаёқатманд, модели инноватсионии усулҳои таълимӣ барои кӯдакони лаёқатманд ва омодагии онҳо ба фаъолияти касбӣ таҳлилу таҳқиқ карда шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро дар таҳияи дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои методӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст. Ҳамчунин он ба сифати рисолаи бунёдӣ дар таҳқиқоти дигари дар ин самт таҳияшаванда ва ё масъалаҳои ҷудогонаи он ҳамчун роҳнамо хизмат хоҳад кард.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро коркарди усулҳои инноватсионии ташкили дарсҳои иловагӣ дар гимназия бо назардошти қобилият, шавқу ҳавасмандии хонандагон, банақшагирии дарсҳои иловагӣ бо назардошти ғанӣ гардонидани мазмуну мундариҷаи дарсҳои асосӣ, ташкил гардидани маҳфилҳои фаннӣ вобаста ба зинаҳои таҳсилот: ибтидоӣ (синфҳои 1-4), асосӣ (синфҳои 5-9) ва миёнаи умумӣ (синфҳои 10-11) ташкил мекунад.

Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гаштаанд, барои самаранокии истифодаи усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат зимни таҳсил ва берун аз он мусоидат карда метавонанд. Инчунин, дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумии намудҳои гуногуни маводи илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба қобилиятҳои зеҳнии хонандагон истифода бурдан мумкин аст.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо такя ба дастовардҳои илмҳои педагогию психологии муосир ва маводи озмоишҳои амалӣ бори нахуст масъалаи истифодаи усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагонро таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат ба таври амиқу густурда мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ намудааст. Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводи нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дарбар гирифтаанд.

Қобили зикр аст, ки натиҷаи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо баррасӣ шуда, дар мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 5 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд,

**Дар боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявии дарёфт ва рушди**

**қобилияти зеҳнии хонандагони болаёқат”** таҳлили адабиёти илмии фалсафӣ, психологӣ, педагогӣ шакл ва методҳои асосии кор оид ба масъалаи лаёқатмандии хонандагон дар низоми муосири таҳсилот, усулҳои инноватсионии психологӣ ва педагогии дарёфти хонандаи болаёқат, навъҳои лаёқатмандӣ, принсипҳои асосии таълими хонандагони болаёқат пешниҳод карда мешавад.

Ба андешаи муаллиф кор бо кӯдакони лаёқатманд бояд ислоҳи инкишофи онҳоро низ дар бар гирад. Кӯдаки аз ҷиҳати зеҳнӣ боистеъдод ҳатман аз ҷиҳати ҷисмонӣ низ қобилиятнок нахоҳад буд. Гузашта аз ин, мавҷудияти лаёқатмандӣ дар кӯдак маънои онро надорад, ки ӯ барои таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ омода аст. Аксар вақт рушди интенсивии зеҳнӣ дар кӯдакони лаёқатманд метавонад бо ақибмонии қобилияти ихтиёран танзим кардани ҳаракат, ҳолати эмотсионалӣ ва рафтори иҷтимоии онҳоро бо худ дошта бошад. Кӯдаконе ҳастанд, ки «табиатан» ё бо сабабҳои муайян имкониятҳои инкишофи ҷисмӣ ва маърифатии маҳдуд доранд, аз ин рӯ барои рушди онҳо шароитҳои махсус фароҳам овардан лозим аст.

Дар ташаккули эҷодии кӯдаки лаёқатманд, пеш аз ҳама, омӯзгор, ки масъули асосии эҷоди муҳити таълиму тарбия мебошад, мусоидат мекунад. Ин масъулият нисбат ба тайёрии касбӣ ва шахсии омӯзгор талаботи махсус мегузорад. Дар ин ҷо сатҳи хуби таълими фаннӣ дигар кифоя нест, зеро таълим бо ин равиш характери инкишофёбанда пайдо мекунад. Технологияҳои анъанавии таълим, ки ба интиқоли дониш, малака ва маҳорат аз рӯи як фанни мушаххас ба хонанда нигаронида шудаанд, бо технологияҳои рушддиҳандае, ки ба рушди қобилияти хонанда ҳамчун субъекти фаъолияти таълимӣ ва раванди рушд дар маҷмуъ (рушди ҷисмонӣ, эҳсосӣ, зеҳнӣ, шахсӣ, руҳонӣ ва ахлоқӣ) нигаронида шудаанд, иваз карда мешаванд.

Дар раванди кор бо кӯдакони болаёқат дар пайвастагӣ бо мазмун ва шаклҳои гуногуни кор дигаргуниҳои мувофиқ ба ҳадафҳову вазифаҳои таҳқиқотӣ ворид гардидааст. Ин дигаргуниҳо дар асоси натиҷагирӣ аз суҳбат, мушоҳида, баҳисобгирии дархосту фикру андешаҳо, вазъияти ба амал омадаи кори амалӣ ва ғайра ба миён омада, мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои ба дастомада собит мекунанд, ки рӯшди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат ташаккули ҷаҳонбинӣ ва иҷтимоишавии хонандагон дар шароити имрӯза ба насли наврас таъсири гуногунсамт мерасонанд, ба яке аз вазифаҳои муҳим ва мубрам табдил ёфтааст.

**Дар боби дуюм «Таълими иловагӣ ҳамчун омили рушди зеҳнии хонандагони болаёқат»** роҳҳо ва воситаҳои асосии банақшагирии таълими иловагӣ барои хонандагони болаёқат, такмили донишу маҳорати хонандагони болаёқат дар ҷараёни таълими иловагӣ ва низоми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ мавриди пажӯҳиш қарор ёфтааст.

Мувофиқи мақсади таҳқиқоти мазкур  шароитҳои педагогии самаранокии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат муайян гардида,  шаклҳои  кор бо хонандагон, суҳбатҳои инфиродӣ, конфронсҳои умумии муассисаи таълимӣ ва шаклҳои ғайрианъанавӣ - интернет-форумҳо, интернет-конференсияҳо, шабакаи муассисаи таълимӣ, тренинг ва ғайра  мавриди истифода қарор ёфтаанд.

Муҳаққиқ дар қисмати озмоиши кор татбиқи модели пурмуҳтавои рушди лаёқатмандии хонандагон ва тавсияҳои методии пешниҳодшударо  ба рушди бомуваффақияти лаёқатмандии хонандагони муассисаҳои таълимии типи нав нишон дода, истифода ва амалисозии онҳо дар курсҳои махсуси омӯзишӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимии намудҳои гуногун тавсия намудааст.

Дар рафти таҳқиқот, инчунин масъалаи истифодаи роҳу воситаҳои самараноки азхудкунии маводи таълимӣ аз ҷониби хонандагон асоснок гардидааст. Муайян гардидааст, ки дар раванди истифодаи метод ва тарзҳои гуногуни таълим шавқу завқи хонандагонро ба донишандӯзӣ баланд мебардорад.

Ба андешаи муаллиф санҷиши омилҳои рушди зеҳнии хонандагон натиҷаи самаранокии худро ба масъалаи таҳқиқшаванда исбот намудаанд, ки фарзияи таҳқиқотро тасдиқ менамояд.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки истифодаи усулҳои психологию педагогӣ ва шаклу воситаҳои инноватсионӣ дар рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат зимни таҳсил ва берун аз он бешубҳа мусоидат менамоянд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои

автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасондаи унвонҷӯй муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) таҳқикоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

Зикр намудан ба маврид аст, ки дар баробари дастовардҳои илмии назариявию амалии муҳаққиқ, дар диссертатсия норасоиҳои зерин дида мешаванд, ки зикри он характери тавсиявӣ дорад.

1. Агар муҳаққиқ “Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, таҳти №353 тасдиқ гардидааст, васеътар мавриди таҳлил қарор дода, кор бо хонандагони болаёқатро тибқи талаботи барномаи мазкур васеътар дар корҳои озмоишӣ мавриди таҳқиқ қарор медод, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.

2. Дар боби дуюми диссертатсия, зербоби 2.3. мушкилотҳои мавҷудбуда ва бартарафсозии онҳоро дар низоми омодасозии хонандагон ба олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ тавассути таълими иловагӣ дар мисоли Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе ба таври тавсиявӣ пешниҳод мекарданд, ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

3. Дар баъзе саҳифаҳои кори диссертатсионӣ ва фишурдаи он (с..39, 42,61,78,92,101,128, 135, 142,151) хатогиҳои имлоӣ, мантиқӣ ва техникӣ ба назар мерасад, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат», дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва

ҳамаҷониба дорад.

ХУЛОСА

Диссертатсияи Нематуллоев Муродбек Музафарович дар мавзуи «Усулҳои педагогии рушди қобилияти зеҳнии хонандагон таввасути дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таълимии кор бо хонандагони болаёқат» (дар мисоли Муассисаи таълимии давлатии “Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе”) кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

Нуқтаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва хулосаҳои рисолаи илмӣ дар мақолаҳо, аз он ҷумла дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯйхати онҳо дар рисолаи илмӣ ва фишурдаи он дарҷ гардидаанд, интишор шудаанд.

Рисолаи илмӣ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Нематуллоев Муродбек Музафарович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва
касбии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович

07.09.2023 с.

***Маълумот барои тамос:*** *735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Телефон: (+992) 92 701 15 55.*
*E-mail: sharofzod1954@mail.ru*

Имзои Ш.А.Шароповро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Наврӯзов Э.М.